Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ду ракъати суннати бомдод сураи (Қул ё айюҳал кофирун) ва сураи (Қул ҳуваллоҳу аҳад)-ро мехонд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ду ракъати суннати бомдод сураи (Қул ё айюҳал кофирун) ва сураи (Қул ҳуваллоҳу аҳад)-ро мехонд.

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дӯст медошт, ки дар ду ракъати суннати бомдод пас аз Фотиҳа, дар ракъати аввал сураи (Қул ё айюҳал кофирун) (Кофирун) ва дар ракъати дувум сураи (Қул ҳуваллоҳу аҳад) (Ихлос) - бихонад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/11256

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee